**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Саидзода Обидҷон Саид «Махсусияти таблиғи адабиёт ва санъат дар осори савтии радиои "Тоҷикистон"» барои дарёфти унвони номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.10 – Журналистика**

Дар замони истиқлол гуфторҳои адабии радиои "Тоҷикистон" то андозае кам гардида бошад ҳам, муҳимияти онҳо аз байн нарафтааст. Гуфторҳои адабии ин замон аз барномаҳои давраи шӯравӣ, пеш аз ҳама, бо рӯҳияи сиёсии худ тафовут доранд. Онҳо на танҳо дар тарғиби ҳаёти сиёсиву фарҳангии дохили кишвар, балки дар шинохти муносибатҳои байналхалқии мамлакат нақши бориз доранд. Муқоиса, таҳлилу баррасӣ ва нишон додани тағйироти миқдорӣ, сифатӣ, мавзӯӣ ва жанрии барномаҳои радиои Тоҷикистон, муайян кардани тафовут ва ҳамбастагии онҳо дар барасии мавзӯъҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа ва таъсиррасонӣ ба аудитория, аз дидгоҳи нав барои пажӯҳиш дорои аҳамияти хос мебошанд. Диссертатсияи Садиозода Обидҷон Саид ба масъалаи мубрами илми журналистикаи тоҷик бахшида шуда, диссертант бори нахуст дар илми журналистикаи тоҷик масъалаи пайдоиш, ташаккул ва инкишофи барномаҳои саҳнавии радиоӣ, гуфторҳои адабӣ-драмавии радиои "Тоҷикистон" -ро ҳаматарафа мавриди омӯзишу таҳқиқи алоҳида қарор додааст.

Дар рисола бори аввал кӯшиш шудааст, ки доир ба масъалаи таҳаввули барномаҳои саҳнавии радиоӣ дар замони истиқлол, гуфторҳои адабӣ, бавижа ташаккули жанрҳои калонҳаҷми он, мундариҷаи осори савтӣ, ҷиҳатҳои ғоявӣ-бадеии онҳо пажӯҳиши мукаммал анҷом бигирад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат буда, дар муқаддима муҳимияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиш,

навгонии кор бо далелҳои муътамад асоснок гардида, ҳадафу вазифа ва методҳои таҳқиқот, арзиши назариву амалӣ ва дараҷаи таҳқиқи он, масъалаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайяншуда, адабиёти истифодашуда тавсиф гардидааст. Диссертант дар боби аввали рисола ба таърихи пайдоиш ва ташаккули барномаҳои адабии радиои "Тоҷикистон" таваҷҷуҳ намуда, ҳамзамон гуфторҳои адабӣ аз рӯи инъикоси мавзӯъ ва самти тасниф намудааст. Дар боби дуввуми рисола омилҳои пайдоишу ташаккули хонишҳои бадеӣ, маҳфилҳои адабӣ ва достонсароӣ дар радиои "Тоҷикистон", ҳамчунин роҷеъ ба инсенировка маълумоти назарӣ фароҳам овардааст. Диссертант зимни пажӯҳиш собит намудааст, ки достонҳои дар радиои "Тоҷикистон" мавҷудбуда, ба достонҳои паҳлавонӣ, ҷангнома, достонҳои ошиқона ва достонҳои таърихӣ тақсимбандӣ шудаанд. Диссертант роҷеъ ба ҳар яке аз ин гурӯҳҳо маълумот медиҳад, хусусияти онҳоро илман мавриди пажӯҳиш қарор медиҳад, онҳоро аз лиҳози мавзӯӣ ва жанрӣ муқоиса менамояд. Дар боби сеюми диссертатсия тағйироти мавзӯйва жанрии радиотеатрҳоро дар замони истиқлол ба таҳқиқ гардидааст.

Диссертантд дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои фаровони илмӣ ва пажӯҳиши барномаҳои зиёди радиои Тоҷикистон ба хулосаҳои қотеи илмӣ расидааст.

Дар баробари ин, баъзе мулоҳизоти хешро ҳамчун пешниҳод баён мекунем. Ба фикри мо хуб мешуд, ки баъзи паҳлуҳои мавзӯъ, ба хусус барномаҳои бачагона, инсинировкаҳо дар қиёс бо маводи дигар барномаҳои радиоӣ нишон дода мешуд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Саидзода Обидҷон Саид «Махсусияти таблиғи адабиёт ва санъат дар осори савтии радиои "Тоҷикистон» тамоми ҷанбаҳои мавзӯи тадқиқро фаро гирифта, кори анҷомёфта ба шумор меравад. Автореферат бо тамоми хусусият ва

нишондодҳояш ба талаботи КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ аст ва муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.10 – журналистика шоиста мебошад.

Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи МДТ
"ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров "
Комилов Каримбой Исломович

Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи МДТ
"ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров "
Қосимова Инобат Тухтабоевна

"Имзои Комилов К.И. ва Қосимова И.Т.-ро тасдиқ менамоям"
Сардори шудири шӯъбаи кадрҳо ва корҳои мухсуси МДТ
"ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров "
Ашрапова З.Н.

11.09.2019